02 10 2018




**Чанде пеш мардуми шарифи кишвари сохибистиклоламон тахти сарварии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон Чашни фархундаи 27-умин солгарди Истиклолияти давлатиро бо дастовардхои шоиста тачлил намуд. Бо шукӯху шахомати беназир чашн гирифтани ин санаи таърихӣ ва пешрафти бесобикаи иктисодию ичтимоӣ махз бо шарофати сиёсати хирадмандонаю талошхои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, дар натичаи таъмини сулху оштӣ, суботу оромӣ ва вахдати миллӣ барои халки азияткашидаи точик муяссар гардид.**

Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон таъкид карданд: «Сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва вахдату якпорчагии мардуми шарафманди точик имкон дод, ки мо мачрои рушди иктисоди миллиамонро ба куллӣ тағйир дихем, барномахои нави давлатиро кабул кунем, сохтори давлатдориамонро, ки асоси онро принсипи адолати ичтимоӣ ташкил медихад, тахким бахшем, иктидорхои нави иктисодиро ба кор андозем, сокинони мамлакатро дар тамоми фаслхои сол бо неруи барк таъмин кунем ва барои рушди минбаъдаи сохахои хаётан мухими кишвар шароит ва заминаи мусоид фарохам оварем».

Вокеан, асли хамаи пешравию тараккиёт ва кафили зиндагии шоистаи мардум аз таъмини суботи сиёсӣ ва вахдату оромӣ вобастагии амик дорад. Ин хакикати куллро хар як шахрванди комилу огох ва бедордили мамлакат аз хама бехтару хубтар мефахмад ва бо тамоми вучуди худ эхсос мекунад. Пешвои муаззами миллат зимни суханронии худ бахшида ба Рӯзи дониш ва сулх дар мулокот бо устодону донишчӯёни Донишгохи давлатии тиббии Точикистон таъкид намуданд: «Сулху оромӣ ва суботи сиёсӣ, хусусан, барои мардуми шарифи точик, мафхуми бисёр азиз буда, сокинони кишвари мо ба кадру

манзалати ин неъмати хаётбахш бештар мерасанд. Зеро халки Точикистон бар асари даргирихои сиёсии солхои 90-уми асри гузашта ва чанги тахмилии шахрвандӣ ба зарбаи чонкохе гирифтор шуд, ки дахшати онро ягон фарди солимфикри чомеаи мо харгиз фаромӯш намекунад.
Мо хуб дар хотир дорем, ки дар он солхо баъзе кишвархо ба воситаи дастёрони худ, яъне рохбарону фаъолони собик хизби террористиву экстремистии нахзат - хоиноне, ки барои конеъ сохтани нафси бади хеш Ватан, миллат, таъриху фарханги миллӣ ва хатто мазхабашонро фурӯхта буданд, мехостанд ба сари мардуми мо фархангу мазхаби бегонаро тахмил карда, дар Точикистон давлати исломӣ барпо намоянд.
Харчанд ки чанги тахмилӣ дар кишварамон боиси курбонии зиёд ва хисороти нихоят вазнин гардид, вале ин накшаи шуми душманони миллати мо барбод рафт ва тири хоинони Точикистон хок хӯрд».
Солхои охир дар натичаи густариш пайдо кардани фаъ-олияти тахрибкоронаи гурӯххои экстремистиву террористӣ вазъи чахон хассосу печида гардидааст. Вазъи имрӯзаи Сурияву Ирок, Либияву Яман, Афгонистон ва мамолики дигар, ки садхо хазор одамони бегунох ба халокат мерасанд ва миллионхо нафар бехонумон мешаванд, барои хар одами боакл сабаки якумрӣ аст. Аз ин рӯ, Сарвари давлат хамеша ба шахрвандони кишвар хушдор медиханд, ки хушёрии сиёсиро аз даст надиханд.
Ба шарофати таъмини суботи сиёсӣ кишвари мо ба дас-товарду комёбихои беназир мушарраф гардид. Дар мамлакат раванди бомаром ва пайгиронаи бунёдкорию созандагӣ вусъат гирифта, Точикистон дар арсаи байналмилалӣ сохиби обрӯю эътибори хосса гардид. Талошу кӯшишхои давлату Хукумат барои дар заминаи ислохоти иктисодию рушди сохибкорӣ пеш бурдани сохахои мухталифи хочагии халк ва татбики пайгиронаи  хадафхои стратегӣ самараи дилхох  бор оварданд.
Дар мамлакат неругоххои барки обии "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2", корхонахои бузурги саноатӣ, накбхои "Истиклол", "Дӯстӣ", "Озодӣ", "Шахристон", пулхои бузурги рӯи дарёи Панч, силсиланеругоххои хурд, иншооти азими ичтимоию хизматрасонӣ бунёд ёфтанд.
16 ноябри соли равон мардуми шарифи мамлакат тахти сарварии окилонаи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон шохиди ба истифода  додани агрегати нахустини кохи нуру саодат – Неругохи барки обии «Рогун» хохад шуд, ки дастоварди шоистаи миллӣ дар заминаи суботи сиёсӣ мебошад.
Мавриди истифода карор гирифтани  мактабхо, варзишгоххо, корхонахои муштараки истехсолӣ, марказхои бузурги савдо, хонахои истикоматӣ, таъсису фаъолияти бонкхо ва ташкилотхои хурди амонатию карзӣ, таквияти ислохот дар сохторхои кишоварзӣ, молия, суд, фархангу маориф, зина ба зина боло бардоштани музди мехнат, мавчудияти матбуоти озод ва нашриёхои хусусӣ, гуногунандешии сиёсӣ, бузургдошти ному хотираи нобигахои илму фарханги миллат ва нашру пахни осори онхо, таваччух ба арзишхои мазхабӣ ва эхёи анъанаву русуми миллӣ, даст кашидан аз хурофоту бегонапарастӣ, дар мисоли тачлили Соли бузургдошти Имоми Аъзам, чопи «Куръони мачид» ва дигар осори арзишманди динӣ бо забони точикӣ, кабули конунхои миллӣ - «Дар бори танзими анъана ва чашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ташаббус ва икдомхои башардӯстонаи  Пешвои муаззами миллат ва Хукумати Точикистон барои халли масъалахои умдатарини чахонӣ, назири дар сатхи байналмилалӣ эълон гардидани «Соли оби тоза, соли 2003»,  «Дахсолаи байналмилалии “Об барои хаёт, солхои 2005-2015» «Соли байналмилалии хамкорӣ дар сохаи об, соли 2013», «Дахсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, солхои 2018 - 2028» ва

монанди инхо номгӯи мухтасари дастоварду комёбихое мебошанд, ки Точикистон дар солхои сохибистиклолӣ ба шарофати суботи сиёсӣ ба даст овардааст.
Аз шумори ин хама дастовардхо таваччухи давлату Хукумати мамлакат ба таъмини рушди устувори сохаи маорифу фарханг ва ба ин васила ноил шудан ба истиклолияти маънавӣ макоми шоиста дорад.
Давоми ин солхо дар кишварамон раванди бунёду ба истифода додани хазорхо муассисахои таълимии муосир густариш ёфта, барои дастгирию пуштибонии хонандагони сохибистеъдоду лаёкатманд, таквияти хифзи ичтимоии омӯзгорону мураббиён ва рушди рӯзафзуни бахши хусусии сохаи маориф пайваста тадбирхои мухим амалӣ карда мешавад.
Дар ин мархила бахри ояндаи фарзандони халк 2000 мактаб ва бинохои иловагии замонавӣ сохта ба истифода дода шудааст. Ифтитохи мактабхои намуди нав вусъати тоза касб карда, шумораи мактабхои олӣ аз 13 адади замони то истиклолият ба 39 расид. Чанд рӯз пеш дар Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон бо хузури мубораки Пешвои миллат Донишгохи Осиёи Марказӣ ва дар пойтахти мамлакат муассисаи тахсилоти умумии гайридавлатии “Академияи умумичахонии Кембрич” мавриди бахрабардорӣ карор гирифтанд. Шароити тахсил дар ин муассисахо аз пешрафтатарин донишгоху мактабхои чахонӣ хеч камӣ надорад. Дар баробари ин, чихати таквияти макоми ичтимоии кормандони сохаи маориф музди маоши онхо танхо аз соли 2000 - ум то соли 2018 беш аз 100 баробар зиёд карда шудааст. Аз мохи сентябри соли чорӣ низ маоши омӯзгорони мактабхои тахсилоти умумӣ ва мураббиёни кӯдакистонхо ба андозаи 15 дарсад зиёд гардид.
Сохаи фарханг низ хеле рушду такомул ёфт. Макоми байналмилалӣ гирифтани чашни Наврӯзи дилафрӯз, ки бехтарин падидаи безаволи фархангии миллатамон дар давоми хазорсолахо мебошад, яке аз дастовардхои шоистаи маданист. Сохта ба истифода додани бинохои мухташами Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ ва ба рӯйхати мероси фарханги чахонии ЮНЕСКО дохил шудани ёдгорихои Саразм, Шашмаком, Фалак ва Парки миллӣ хам аз чумлаи комёбихои бузурги фархангии миллати точик мебошанд.
Накши таклирсози суботи сиёсӣ дар бехбудии хаёту рӯзгори мардум ва рушди ичтимоию иктисодии нохияи Мастчох низ хеле барчаста мебошад. Махз бо шарофати суботи сиёсӣ дар партави дастгирихои беназири Пешвои миллат даххо корхонаю коргоххои саноатӣ, марказхои савдою хизматрасонӣ, мактабхои замонавӣ ва дигар иншооти мухими ичтимоӣ сохта ба истифода дода шуданд. Танхо дар рӯзхои тачлили 27 - солагии истиклолият дар нохия 4 муассисаи таълимӣ, 1 маркази саломатӣ ва 1 маркази бузурги хизматрасонӣ - дар мачмӯъ 33 иншоот мавриди бахрабардорӣ карор гирифт, ки арзиши умумии онхо 14 миллиону 700 хазор сомониро ташкил медихад.
Дар натичаи ислохоти кишоварзӣ, дар нохия беш аз 5000 хочагихои хурду калони дехконию фермерӣ таъсис ёфта, хосилнокии зироатхо, аз чумла пахта, гандум, зироатхои равгандор ва полизихо, сол аз сол афзуда истодааст.
Холо ба истикболи чашнхои фархундаи 30 - солагии Истиклолияти давлатӣ ва 23 - солагии Рӯзи Вахдати миллӣ, ки соли 2020 бо хидояти Пешвои миллат дар Мастчох доир мегардад, дар нохия корхои созандагию бунёдкорӣ вусъат ёфта, дар ин замина беш аз 300 иншооти мухталиф сохта ба истифода дода мешавад.
Моро лозим аст, ки бо хушёрии сиёсӣ ва мехнати софдилонаи худ оромию суботи мамлакатро тахким ва таквият бахшем, дар баробари иддаохои пучу бебунёди хоинони миллат, ки чанде пеш ташкилоти ба ном «Паймони миллии Точикистон» - ро таъсис дода,

дар кишвархои аврупоӣ ба бадном кардани давлату миллат ва Хукумати мамлакат машгуланд, истодагарӣ кунем, саъю кӯшиши худро барои хифзи сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва вахдати миллӣ дар кишвари азизамон равона намоем.

**Гайрат АЗИЗЗОДА,**
**раиси нохияи Мастчох**